«Тасдиқ мекунам»
Ректори Донишгоҳи давлатии
молия ва иқтисоди Тоҷикистон
н.и.и., дотсент Абдуалимзода Ҳ.А.
_______________
«__» ___________2022с.

**Хулосаи**
**ҷаласаи васеи Шӯрои олимони факултети иқтисод ва бизнеси**
**Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон**

Диссертатсияи Исайнова Манижа Ҳисайновна дар мавзуи «Ҷанбаҳои минтақавии таъмини амнияти озуқаворӣ (дар мисоли ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ)», ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯи ихтисоси 08.00.03 - иқтисодиёти минтақавӣ ва ҳудудӣ пешниҳод карда шудааст, дар кафедраи иқтисоди корхонаҳо ва соҳибкории Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон ба анҷом расонида шудааст.

Исайнова Манижа Ҳисайновна солҳои 2019-2022 ба ҳайси унвонҷӯи кафедраи иқтисоди корхонаҳо ва соҳибкории Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон вобаста шудааст.

Тибқи қарори Шӯрои олимони Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон аз 22-юми феврали соли 2019 суратмаҷлиси №6 мавзуи диссертатсияи унвонҷӯ Исайнова М.Ҳ. бо номи «Ҷанбаҳои минтақавии таъмини амнияти озуқаворӣ (дар мисоли ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ)» зери роҳбарии д.и.и., профессор Кошонова М.Р. тасдиқ карда шудааст.

Мавзуи диссертатсияи илмии Исайнова Манижа Ҳисайновна дар ҷаласаи ғайринавбатии кафедраи иқтисоди корхонаҳо ва соҳибкории Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон аз 25-уми майи соли 2022, суратмаҷлиси №10 муҳокима гардидааст.

Дар натиҷаи муҳокимаи диссертатсияи илмӣ дар мавзуи «Ҷанбаҳои минтақавии таъмини амнияти озуқаворӣ (дар мисоли ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ)» чунин хулосаҳо бароварда шуд:

**Баҳодиҳии иҷрои диссертатсия.** Диссертатсияи Исайнова Манижа Ҳисайновна дар мавзуи «Ҷанбаҳои минтақавии таъмини амнияти озуқаворӣ (дар мисоли ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ)» мавзуи рӯзмарраи шароити муосир буда, дар сатҳи баланди илмӣ навишта шудааст. Ҳамзамон, бо забони илмӣ ва шевои тоҷикӣ навишта шуда, таҳқиқоти анҷомёфта ба ҳисоб меравад.

**Ҳадафи таҳқиқоти мазкур** асосноккунии назариявӣ ва минтақавии дигаргуниҳои сохторӣ, таҳияи пешниҳодҳо ва тавсияҳои назариявию методӣ ва илмию амалӣ оид ба ҳалли проблемаҳо, таҳлили вазъи ҳозира, беҳдошт ва самтҳои амалисозии таъмини амнияти озуқаворechии минтақа ташкил медиҳад.

**Навгонии илмии таҳқиқот натиҷаҳои илмии зерин ба ҳисоб мераванд:**

- ҷанбаҳои минтақавӣ-назариявии таъмини амнияти озуқаворӣ мавриди омӯзиш қарор гирифта, нақши таъмини амнияти озуқаворӣ дар рушди иқтисоди минтақа аниқу дақиқ гардида, муаммоҳои асосии ба таъмини амнияти озуқавории минтақа таъсиррасон муайян гардидааст;

- таркиб ва сохтори механизми худтаъминкунии озуқаворӣ муайян карда шуда, принсипҳои асосии ба ташаккул ва рушди механизми худтаъминкунии озуқаворӣ пешниҳод гардида, тавсифи нишондиҳандаҳои арзёбии худтаъминкунии озуқаворӣ ба роҳ монда шуда, нақши онҳо дар таъмини амнияти озуқавории минтақа муайян карда шудааст;

- таҷрибаи мамлакатҳои хориҷӣ дар таъмини амнияти озуқаворӣ мавриди омӯзиш қарор гирифта, роҳҳои амалии истифодаи механизм ва ташабусҳои мувафақи соҳаи аграрӣ онҳо дар ҷумҳурӣ ва сатҳи минтақа асоснок ва пешниҳод гардидаанд;

- вазъи ҳозира ва тамоюли минтақавии таъмини амнияти озуқаворӣ муайян гардида, нишондиҳандаҳои омории худтаъминкунии озуқавории минтақаи тадқиқотӣ таҳлил карда шуда ҳамчун омили муҳими таъмини амнияти озуқавории минтақа арзёби карда шудаанд;

- мавҷудият ва дастрасии маводи озуқа - ҳамчун омили муҳими таъмини амнияти озуқавории минтақа муайян гардида, амалигардонии маҷмӯи чорабиниҳои комплексӣ оид ба таъмини амнияти озуқавориии минтақа асоснок ва пешниҳод гардидаанд;

- роҳҳои асосии амалигардонии самтҳои экологию иқтисодӣ ва иҷтимоии таъмини амнияти озуқавории минтақа коркард ва пешниҳод гардида, нақши маҳсулотҳои аз ҷиҳати ирсӣ дигаргуншуда дар таъмини амнияти озуқавории минтақа асоснок гардидаанд.

**Саҳми шахсии довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ дар таҳқиқот.**

Дар таҳқиқ ва омӯзиши ҷанбаҳои назариявӣ-минтақавии таъмини амнияти озуқаворӣ, омӯзиши пайдоиши назарияҳо оид ба мафҳуми амнияти озуқаворӣ ва нақши он дар рушди устувори иқтисодиёти ҷумҳурӣ назаррас мебошад. Дар асоси таҳлил ва вазъи нишондиҳандаҳо, тамоюл ва ҳолати кунунии таъмини амнияти озуқаворӣ дар ҷумҳурӣ ва минтақа муайян ва асоснок гардидааст. Ҳамзамон омилҳои асосӣ (экологӣ, иқтисодӣ ва иҷтимоӣ) ба таъмини амнияти озуқаворӣ таъсиррасон муайян карда шуда, пешниҳодҳои мушаххас оид ба роҳҳои амалигардонии самтҳои асосии таъмини амнияти озуқаворӣ дар минтақаи таҳқиқотӣ пешниҳод гардидааст. Ғайр аз он, иштироки шахсии унвонҷӯ дар роҳи ба даст овардани натиҷаҳо аз иштироки он дар ҷамъоварии маълумот, коркарди онҳо, сохторбандӣ, тафсир, таҳлил ва банизомдарорӣ дар тамоми марҳилаҳои омӯзиш; таҳияи тавсияҳои амалӣ оид ба истифодаи ин маводҳо, таҳқиқоти таҷрибаи кишварҳои пешқадами дунё ҷиҳати истифодаи амалии онҳо дар мисоли Ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ, инчунин дар омода намудани 12 мақола, аз он ҷумла 4-адад мақолаи илмӣ дар нашрияҳои Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Комиссияи олии аттестатсионии Вазорати маориф ва илми Федератсияи Рассия оид ба масъалаи омӯхташуда иборат аст.

**Натиҷаҳои ҷудогонаи таҳқиқотро** бо дурустии маълумот, бо миқдори кофии маводи тадқиқотӣ, ҷамъоварӣ, сохтор, коркард, таҳлил ва роҳҳои таъмини амнияти озуқаворӣи минтақаи ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ, нашри натиҷаҳои тадқиқоти диссертатсионӣ дар маҷаллаҳои илмии бонуфузи ватанӣ аз тарафи муаллиф тасдиқ карда шудааст. Хулосаҳо ва тавсияҳо ба таҳлили илмии натиҷаҳои таҳқиқоти назариявӣ ва амалӣ асос ёфтаанд.

**Усулҳои таҳқиқот.** Дар ҷараёни таҳқиқот усулҳои таҳлили системавӣ, оморӣ - иқтисодӣ, моделсозӣ, абстрактии мантиқӣ, таҳлилу синтез, таҳрсозии риёзиву иқтисодӣ, таҳлилию қиёсӣ ва мушоҳидаҳо истифода шудаанд.

**Заминаҳои назариявию методологии таҳқиқотро** муқаррароти бунёдии назарияи иқтисодӣ, асарҳои классикони илми иқтисод, асарҳои олимон-иқтисодшиносони ватанию рус оид ба масъалаҳои таъмини амнияти озуқаворӣи минтақаҳо ташкил медиҳанд. Моҳияти омӯзиши ҷанбаҳои назаривии мавзӯи интихобгардида дар он зоҳир мегардад, ки натиҷаҳои ба дастовардаро олимон ва коршиносони ба ҳалли масъалаҳои таҳқиқоти таъмини амнияти озуқаворӣ машғул буда метавонанд мавриди муҳокима қарор диҳанд, чунки ин раванди мураккаби тағйирёбии иқтисодиёт ба ҳисоб меравад. Аз ин ҷост, ки омӯзиши назариявии таъмини амнияти озуқаворӣ бо назардошти муносибатҳои нави иқтисодӣ, омили асосии ба ҳалли ин ҳадафи стратегӣ таъсиррасон, муайян намудани мушкилот ва роҳҳои ҳалли он дар самти такмили механизми рушди муносибатҳои нави иқтисодӣ мебошад.

**Навгониҳои таҳқиқоти диссертатсионӣ** ба талаботҳои шаҳодатномаи КОА- назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз рӯйи ихтисоси 08.00.03 – иқтисодиёти минтақавӣ ва ҳудудӣ мутобиқат мекунад.

Доир ба мавзуи таҳқиқоти дисссертатсионӣ 4 мақолаи илмӣ дар ҳаҷми 2 ҷузъи чопӣ (дар яккамуаллифӣ ва ҳаммуаллифӣ) нашр гардидааст, ки ҳамаи онҳо дар маҷаллаҳои илмии тавсияшудаи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон чоп карда шуданд.

## РӮЙХАТИ МАҚОЛАҲОИ ЧОПШУДА АЗ РӮИ МАВЗУЪ:

### А) Мақолаҳое, ки дар нашриёҳои эътирофгардидаи КОА чоп шудаанд:

1. [М 1]. Исайнова М.Ҳ. Худтаъминкунии озуқаворӣи минтақа: вазъи ҳозира ва дурнамоии пешрафт. Паёми молия ва иқтисод. Маҷаллаи илмӣ-амалӣ.– Душанбе: 2021. – №2. – Қ. 2. – с. 28-34.
2. [М 2]. Исайнова М.Ҳ. Таъмини амнияти озуқаворӣи минтақа- самти муҳимми рушди иқтисодиёти ҷумҳурӣ // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Маҷаллаи илмӣ. Бахши илмҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва ҷамъиятӣ. – Душанбе: 2020. – №7, – с.105-111.
3. [М 3]. Исайнова М.Ҳ. Достижение продовольственной самодостаточности- стратегическое направление обеспечения устойчивого развития Таджикистана // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Маҷаллаи илмӣ. Бахши илмҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва ҷамъиятӣ. – Душанбе: 2019. №10, - с. 154-161.
4. [М 4]. Продовольственная безопасность: актуальность для Таджикистана // Паёми Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон.

Маҷаллаи илмӣ. Бахши илмҳои иқтисодӣ, соҳибкорӣ ва соҳаи иҷтимоӣ. – Ҳуҷанд: 2020. – с. 220-228.

**Б) Мақолаҳое, ки дар дигар нашрияҳо чоп шудаанд:**

5. [М 5]. Обеспечение продовольственной безопасности Таджикис-тана: основные проблемы и пути решения // Материалы международной-научно-практической конференции "Проблемы устойчивости социально-экономического развития в условиях глобализации: национальная и региональные аспекты" 27-28 ноября 2018 г. -Душанбе, 2018. -С.121-128.

6. [М 6]. Исайнова М.Ҳ. Таъмини амнияти озукаворӣ: ҷанбаҳои миллӣ ва глобалӣ. Маводи конфренсияи байналмилалии илмию амалӣ дар мавзӯи "Амалисозии ҳадафҳои рушди устувор: таҷрибаи хориҷӣ ва миллӣ" 13-октябри соли 2020 - Душанбе: Матбааи ДМТ, 2020. -С. 430-438.

7. [М 7]. Исайнова М.Ҳ. Таъмини бехатарии озуқаворӣ: муаммоҳои ҷойдошта ва самтҳои амалигардонии он. Маводи конфрениями байналмилалии илмию амалӣ дар мавзӯи "Саноатикунонии кишвар ва таъмини рушди босуботи иқтисодиёт". 27 феврали соли 2020. - Душанбе, 2020. - С.371-378.

8. [М 8]. Исайнова М.Ҳ. Таъмини амнияти озукаворӣ дар шароити таъсири бухрони молиявии коронавирус (КОВИД-19). Онлайн Конфренсияи илмию амалии байналмилалии «Нақши муассисаҳои тахсилоти олии касби дар таъмини рушди устувори минтақа дар ҳошияи рушди саноатикунонии босуръати кишвар». 13 ноябри 2020. - Кулоб, 2020. -С. 85-96.

9. [М 9]. Исайнова М.Ҳ. Худтаъминкунии озуқаврии минтақа: муаммоҳои ҷойдошта ва самтҳои амалигардонии он. Конфренсияи илмию амалӣ дар мавзӯи "Масоили саноатикунонии истеҳсолоти аграрӣ. 25-феврали соли 2021. - Душанбе, 2021. - С. 314-323.

10. [М 10]. Исайнова М.Ҳ. Обеспечение продовольственной безопасности региона: современное состояние и перспективы развития. Конфренсияи илмӣ-назариявии ДДМИТ. - Душанбе, 2021. -С. 211-212.

11. [М 11]. Исайнова М.Ҳ. Обеспечение продовольственной безопасности как стратегическое направление устойчивого развития региона //Международная студенческая научно-практическая конференция в рамках Дней студенческой науки ФГБОУ ВО КубГТУ" Краснодар, 30-марта 2022 года. - Краснодар: ФГБОУ ВО КубГТУ", 2022. - С. 555-559.

12. [М 12]. Исайнова М.Ҳ. Таҳлили вазъи ҳозира, тамоюл ва рушди нишондиҳандаҳои таъмини амнияти озуқавории минтақа. Конфренсияи илмӣ-назариявии ДДМИТ. Душанбе, 2022. -С.

**Қарори Шурои олимон:**

1. Диссертатсияи Исайнова М.Ҳ. дар мавзуи «Ҷанбаҳои минтақавии таъмини амнияти озуқаворӣ (дар мисоли ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ)», ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯи ихтисоси 08.00.03 – иқтисодиёти минтақавӣ ва ҳудудӣ пешниҳод гардидааст, ба

талаботҳои Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯ мебошад.

2. Диссертатсияи Исайнова М.Ҳ. дар мавзуи «Ҷанбаҳои минтақавии таъмини амнияти озуқаворӣ (дар мисоли ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ)» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯи ихтисоси 08.00.03– иқтисодиёти минтақавӣ ва ҳудудӣ барои баррасӣ ва ҳимоя ба Шурои диссертатсионии 6D.КОА-014-и назди ДДМИТ пешниҳод карда шавад.

3. Назорати қарори мазкур ба зиммаи раиси Шурои олимон, декани факултет вогузор карда шавад.

Хулосаи мазкур дар ҷаласаи ғайринавбатии Шурои олимони факултети иқтисод ва бизнес Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон аз 26.09. 2022с., суратҷаласаи №2 қабул гардидааст.

Раиси Шурои олимони факултети
иқтисод ва бизнеси ДДМИТ
д.и.п., дотсент — Сатторзода Б.А.

Котиби илмии Шурои олимони
факултети иқтисод ва бизнеси ДДМИТ
н.и.и., — Шодиев Ф.Т.

Муқарриз
н.и.и., дотсенти кафедраи иқтисоди
корхонаҳо ва соҳибкории ДДМИТ — Қодиров Ф.А.

Муқарриз
н.и.и., дотсенти кафедраи идоракунии
давлатӣ ва маҳаллии ДМТ — Аҳмадов Р.Р.

Имзоҳои Сатторзода Б.А., Шодиев Ф.Т., Қодиров Ф.А - ро тасдиқ менамоям.

Сардори шуъбаи кадрҳо
ва корҳои махсуси ДДМИТ — Шарипов У.А.
«27» сентябри 2022 с.

ШУЪБАИ КАДРҲО
ОТДЕЛ КАДРОВ

Имзои Аҳмадов Р.Р.- ро тасдиқ менамоям.

Сардори раёсати кадрҳо
ва корҳои махсуси ДМТ — Тавқиев Э.Ш.
«27» сентябри 2022 с.

РАЁСАТИ КАДРҲО ВА КОРҲОИ МАХСУС
УПРАВЛЕНИЕ КАДРОВ И СПЕЦЧАСТИ